«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Ҳушвахтзода Қ. Х.
_____
«22» декабри соли 2022

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **Раҳмонов Ҳафиз Азизович** дар мавзуи **«Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Раҳмонов Ҳафиз Азизович соли 1986 факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 1987-1993 аввал муаллим ва баъдан дар соҳаи матбуот ҳамчун журналист фаъолият кардааст. Солҳои 1994-1995 дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа кор карда, пасон аспиранти Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон буд. Аз соли 1997 то соли 2012 дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДДМТ аввал ба ҳайси ассистент ва баъдан муаллими калони кафедра ифои вазифа кардааст. Тӯли як сол (соли 2010) иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи мазкур буд. Аз соли 1999 то соли 2010 якҷо бо вазифаи муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ муҳарририи газетаи дузабонаи «Ҳуқуқшинос» (Правовед)-ро низ ба уҳда дошт. Солҳои 2001-2004 муҳассили маълумоти дуюми факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, онро бо дипломи аъло хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2010 то моҳи августи соли 2012 ба сифати сармуҳаррири ҳафтаномаи «Ба қуллаҳои дониш» - нашрияи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2012-2015 дар вазифаи муовини аввали директори Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон кор кард. Айни замон ҳамчун муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултаи филологияи ДМТ фаъолият мекунад.

Роҳбари илмии Раҳмонов Ҳафиз Азизович доктори илми филология, профессор, узви пайвастаи АМИТ **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин аз 14.03.1995, қарори № 5 тасдиқ шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 29 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи **Раҳмонов Ҳафиз Азизович** дар мавзуи **«Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20-уми марти соли 2022, суратҷаласаи № 3 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳов Мирзо Одинаевич ва номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ Безрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа муҳокима гардид. Аз маърузаи муаллифи диссертатсия, саволу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Адабиёти тоҷик дар солҳои 60-80-уми садаи XX, агарчи пайванди таърихии худро бо адабиёти пурғановати классикӣ суст карда бошад ҳам, бо истифода аз таҷрибот ва равишҳои эҷодии аврупой, ки аз тариқи адабиёти русӣ вориди адабиёти мо мешуданд, намунаҳои барои хонандаи тоҷик комилан тоза ва беназири асари мансурро пешниҳод намуд. Дар ин давра ҷараёни тозаи рушди адабӣ воқеъ мегардад, ки вобаста аз қонунмандиҳои дохилӣ, авзои сиёсиву иҷтимоӣ, таъсироти беруна фақат дар давоми як аср чандин бор мутаҳаввил гаштааст. Яке аз чунин таҳаввулоти чашмгири адабиёти асри гузашта дар нимаи солҳои 50-ум сурат мегирад, ки бо ному фаъолияти адабии Фазлиддин Муҳаммадиев бастагӣ дорад.

Фазлиддин Муҳаммадиев на танҳо аз равишҳои қолабӣ ва такроршавандаи насри реализми сотсиалистии солҳои 20-40-ум даст мекашад, балки дар баробари истифодаи таҷрибаи адибони руси ҳамзамони худ равиши тозаи тарҳи масъала дар асари бадеиро ба миён мегузорад, ки дертар аз тарафи мунаққидон ҳамчун насри андеша ё насри

равоншиносона ва насри шахсиятҳо ва симои куллии онҳо унвон мегиранд.

Дар миёни осори адабии Ф. Муҳаммадиев жанри ҳикоя аз ҷойгоҳ ва мақоми махсус бархӯрдор аст. Нависанда баъди таҷоруби эҷодӣ дар жанри очерк маҳз бо навиштани ҳикоя вориди майдони адабиёт мешавад ва то поёни фаъолияташ дар рушду такомули ин жанри адабӣ талош меварзад. Бисёре аз вижагиҳои сабки фардии худро, аз қабили таҳлили равоншиносонаи шахсият ва дунёи дарунии қаҳрамон, тамаркуз ба андеша ва тафаккур дар атрофи масоили ахлоқӣ ва маънавӣ Фазлиддин Муҳаммадиев аввал дар жанри ҳикоя ба намоиш мегузорад ва минбаъд ҳам ба василаи онҳо намунаҳои тозаи ҳикояи тоҷикиро манзури адабиёт месозад. Ҳамчунин, навовариҳои сохторӣ ва мавзуие, ки нависанда ба ин жанр ворид месозад, аз ҷониби насли ҷавони нависандагон хуш пазируфта мешавад ва бо ин роҳ ӯ дар шакл гирифтани равишҳои фардии эҷодии нависандагоне, ба мисли Сорбон, Урун Кӯҳзод, Ҷонибеки Акобир, Абдулҳамид Самад ва дигарон саҳм мегузорад. Бо назардошти ин воқеият, ки ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев мавриди пажӯҳиши монографӣ ва ҷомеъ қарор нагирифтаанд, зарурати таҳқиқи фарогири ҳикояҳои нависанда равшан мегардад. Интихоби мавзуи таҳқиқ, ки шомили баррасиҳои абъоди гуногуни ҳикояҳои ӯ, аз ҷумла вижагиҳои пайрангсозӣ, ривоятпардозӣ ва шахсиятсозӣ, дараҷаи мувофиқати ҳикояҳои нависанда ба равиши реализми сотсиалистӣ, дарунмояи онҳо ва ғайра таҳқиқи ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиевро ҷамъбаст мекунад.

Таҳқиқи густардаи ин мавзуъ дар заминаи таҳлили густардаи ҳикояҳои Ф.Муҳаммадиев, ки дар диссертатсияи Раҳмонов Ҳ.А. ба он таваҷҷуҳ шудааст, аз ҷумлаи **вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносист**.

Дар диссертатсияи Раҳмонов Ҳ.А. таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳимми нақди филологии ҳикоёти Ф. Муҳаммадиев, мақому ҷойгоҳи ин навъи насри бадеӣ дар осори нависанда, рушду камоли шахсияти адабии ӯ, мухтассоти сохторию поэтикии ҳикояҳо, унсурҳои пуркорбурди пайранг дар ҳикоёт, шеваҳои ривоятпардозӣ ва тафовутҳои сабкии ҳикоёти Фазлиддин Муҳаммадиев равона гашта, вижагиҳои муҳтавоӣ ва дарунмояи ҳикоёт, аз ҷумла баррасии ҳикоёт дар қаринаи реализми сотсиалистӣ, таҳлили дарунмояи ҳикояҳо ва баррасии шахсияти қаҳрамонони ҳикоёт мавриди баррасии муфассали илмӣ қарор дода шудаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи диссертатсионии Раҳмонов Ҳ.А. ба мавзуи мубрами илмӣ бахшида шуда, ҳикоя ҳамчун хурдтарин навъи насри бадеӣ дар осори нависанда баррасӣ гардида, ҳамзамон, арзишҳои илмиву адабӣ ва ҳунари нависандагии Ф. Муҳаммадиев дар таълифи ҳикоёт ва таъсири онҳо ба

сабку салиқаи эҷодии адибони ҳамзамон таъин гардида, аз аҳаммияти махсус доштани кор гувоҳӣ медиҳад.

Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ муайян сохтани ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев ва мушаххас кардани рушду камоли шахсияти адабии нависанда, баррасии масоили назариявии жанри ҳикоя дар адабиётшиносии тоҷик, ҷойгоҳи ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев дар миёни ҳикояҳои солҳои 60-80-уми асри XX, аносири пуркорбурди пайранг, шеваҳои ривоятпардозӣ, тафовутҳои сабкии ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда, таъсирпазирии ӯ аз равиши реализми сотсиалистӣ, дарунмоя ва шахсиятҳои ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад.

- Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:
- мурур ба зиндагӣ ва ҷараёни рушди шахсияти адабии Фазлиддин Муҳаммадиев;
- таҳқиқи масоил ва мушкилоти назарии жанри ҳикоя дар нақди адабии тоҷик;
- баррасии ҷойгоҳи ҳикояҳои нависанда дар миёни ҳикояҳои солҳои 60-80-уми асри гузашта;
- муайян сохтани аносири пуркорбурди пайранг ва шеваҳои хоси пайрангсозӣ дар ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев;
- баррасии шеваҳои ривоятпардозӣ дар ҳикояҳои нависанда;
- шинохти тафовутҳои сабкии ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда;
- баррасиии ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев дар қаринаи реализми сотсиалистӣ ва муайян сохтани инҳирофоти ӯ дар ин замина;
- таҳқиқи дарунмоя ва муҳтавои ҳикояҳои нависанда ва шинохти мавзуоти умумии эҷодиёти ӯ;
- баррасии шахсият ва равишҳои шахсиятсозӣ дар ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки воқеан, дар илми адабиётшиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки перомуни муайян кардани ҷойгоҳи ҳикоя дар осори Ф. Муҳаммадиев ва мушаххас кардани ҳунари нависандагии адиб то кунун таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба мавзуи таҳқиқи ҳикоя дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу баррасии ҳикояҳо, муҳокимаю хулосаҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили сохтории матни адабӣ, таҳлили сабкшинохтии матни адабӣ, таҳлили мундариҷавии матни адабӣ, шинохти матни адабӣ, таҳлили дохилиматнӣ ва дастовардҳои ҷадиди адабиётшиносии муосир истифода намудааст.

Арзиши назарии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар диссертатсия ҷанбаҳои назарии омӯзиши насри даврони шӯравӣ, осори Фазлиддин Муҳаммадиев ва махсусан ҳикояҳои ӯро пурратар гардонида, дар таъйини арзишҳои ҳунариву адабӣ, зебоишинохтӣ ва дигар вижагиҳои эҷодиёти ӯ метавонад нақши бориз дошта бошад. Меъёрҳое, ки дар рисола барои шинохти аносири пуркорбурди пайранг, шеваҳои ривоятпардозӣ, тафовутҳои сабкии ҳикояҳои ҳаҷвӣ, вижагиҳои асосии реализми сотсиалистӣ, нуфузи ин равиши адабӣ дар насри тоҷик, шеваҳои шахсиятсозӣ истифода шудаанд, барои маърифати комили на танҳо осори Ф. Муҳаммадиев, балки насри муосири тоҷик кумак мекунанд.

Арзиши амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар аснои навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи насри бадеии тоҷикӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик дар солҳои 60-80-уми асри XX, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ метавон самаранок истифода намуд.

Инчунин натиҷаҳои бадастомада аз мабоҳиси ҷудогонаи рисола ва равишҳои таҳқиқотии бакоргирифтаи муаллифро дар раванди пажӯҳишот ва кофтуковҳои нақди адабӣ ва масоили марбут ба доварии насри муосири тоҷик метавон истифода бурд.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳала ба марҳала иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Раҳмонов Ҳафиз Азизовичро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Раҳмонов Ҳ.А. дар мавзуи «Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики факултаи филологияи ДМТ Солеҳов Мирзо Одинаевич ва номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 20 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 5 аз 20.12.2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология, профессор Сироҷиддини Эмомалӣ

Муқарризони холис:
доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳов М.О.

номзади илми филология,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии АМИТ Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа

Котиби илмии шуро,
номзади илми филология, дотсент Мавлонзода Ш.М.

Имзоҳои С. Эмомалӣ, М. О. Солеҳов ва
Ш. Мавлонзодаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«21» декабри соли 2022

Имзои Бехрӯзи Забеҳулло Саидҳочаро тасдиқ мекунам:
нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ. М.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 21
Тел: (+992) 221-70-30; факс: 221-32-02
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
«21» декабри соли 2022